«Тасдиқ мекунам»
муовини якуми вазири маориф
ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон
Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. _____
«19» майи соли 2025

ПРОТОКОЛИ СЕМИНАР

Мавзӯъ: «Зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф»
Ҷойи баргузорӣ: Осоишгоҳи «Сароб», Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сана: 17 майи соли 2025

Ифтитоҳи семинар

Семинари мазкурро расман муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ифтитоҳ намуд.

Дар сухани ифтитоҳии худ, муҳтарам Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. зарурати ислоҳоти амиқ дар низоми маорифро дар даврони зеҳни сунъӣ таъкид намуд. Ӯ зикр кард, ки зеҳни сунъӣ омили асосии воқеияти тағйирдиҳандаи маориф, бозори меҳнат ва ҳаёти ҳаррӯза мебошад.

Муҳтарам Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. зикр кард, ки зеҳни сунъӣ бояд ҳамчун василаи кӯмак дастгирии омӯзгорон ва хонандагон қабул карда шавад, на ҳамчун хатари эҳтимолӣ. Ӯ ба дастовардҳо дар ин самт ишора кард, аз ҷумла татбиқи низоми EMIS, таъсиси лабораторияи зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе, ҳамчунин фароҳам овардани шароити таълими инфиродӣ бо истифодаи технологияҳои муосир.

Ӯ пешниҳод намуд, ки саводи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ бояд ба унсурҳои асосии таълимоти муосир ворид карда шаванд ва таълими онҳо дар мактабҳо бояд бо ахлоқи касбӣ, тафаккури интиқодӣ ва фарогирӣ сурат гирад. Ҳамзамон зарурати роҳбарӣ ва ҳамкориро барои татбиқи муваффақонаи технологияҳои нав таъкид кард.

Суханронихо ва паёмҳои шарикони рушд

- **Штефан Зиверт**, роҳбари лоиҳа, нишастро ифтитоҳ намуда, чорчӯбаи муҳокимаро муқаррар кард.
- **Диана Димова**, намояндаи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, пуштибонии доимии Иттиҳоди Аврупоро дар таҳкими иқтидори идоракунии вазорат дар самти зеҳни сунъӣ тасдиқ намуд. Ӯ Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ барои 2040, нақши роҳбарияти вазорат ва дастовардҳои лоиҳаи EMIS-ро баланд арзёбӣ кард. Иттиҳоди Аврупо омодагии худро барои идомаи омӯзиш, таъмин намудани абзорҳо ва

мубодилаи таҷриба ба хотири ноил шудан ба пешсафии минтақавии Тоҷикистон дар соҳаи маорифи дорои зеҳни сунъӣ изҳор намуд.

- **Наоко Хосака**, роҳбари бахши маорифи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, аҳамияти дастрасии баробар ба технологияҳои нав ва зарурати омӯзиши саривақтии омӯзгоронро дар истифодаи зеҳни сунъӣ таъкид намуд.

Ҷаласаҳои корӣ

- **Шиносоӣ бо абзорҳои зеҳни сунъӣ:** ChatGPT, Copilot, Gemini ва дигарон
- **Шиносоии амалӣ бо зеҳни сунъӣ:** «10 қадами оддӣ барои шурӯъкунандагон»
- **Муҳокимаи имкониятҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар сатҳи вазорат**

Мавзӯъ: Омодагии муассисавӣ барои татбиқи зеҳни сунъӣ ва суханронии коршиносон

- **Сафарзода Бахтиёр** — доир ба тағйирёбии низоми маориф ва коҳиши ихтисосҳои кӯҳнашуда сухан карда, пешниҳоди коҳиши 30–40% ихтисосҳои такроршавандаро пешниҳод намуд ва зарурати таҳияи стандартҳои навро таъкид кард.
- **Усмонзода Фатҳиддин** — зарурати татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олиро таъкид карда, истифодаи онро миёни донишҷӯён муҳим арзёбӣ кард.
- **Абдулло Мамадамон** — мавзӯи зеҳни сунъии генеративиро баррасӣ карда, таъкид кард, ки насли оянда бо истифодаи зеҳни сунъӣ зич алоқаманд хоҳад буд.
- **Асомиддин Атоев** — мушкилот ва навовариҳоро дар робита ба ҳамгироии зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф баррасӣ намуд.
- **Миров Лоиқҷон** — баррасии имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ ва самтҳои афзалиятнок пешниҳод намуд.
- **Гулсум Қосимбекова** — доир ба фаъолияти Маркази миллии зеҳни сунъӣ, омодасозии кадрҳои ҷавон ва саҳми марказ дар рушди кишвар гузориш дод.

Натиҷаҳо ва қарорҳои қабулшуда

1. Иштирокчиёни семинар ташаббуси 9 лоиҳаи пилотиро оид ба ҳамгироии зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф дастгирӣ намуданд. Лоиҳаҳо дар ҷараёни семинар таҳия шуда, барои тасдиқ ба роҳбарияти вазорат пешниҳод гардиданд (ниг. Иловагӣ 1).
2. Ташкили гурӯҳи корӣ барои ҳамоҳангсозии татбиқи лоиҳаҳои пилотӣ ва таҳияи ҳисоботҳо.
3. Муайян намудани воҳидҳои масъули вазорат барои ҳар як лоиҳа ва тасдиқи муҳлатҳои иҷро.
4. Шомил намудани лоиҳаҳои пилотӣ ба нақшаҳои кори солонаи бахшҳои дахлдори вазорат.

5. Баргузории ду семинари иловагӣ то охири соли 2025 бо мақсади арзёбии ҷараёни иҷро ва тақвияти дастгирии коршиносон.
6. Татбиқи унсурҳои мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла бо истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ (ниг. Лоиҳаи пилотии 8).
7. Омода ва паҳн намудани бюллетени ҷамъбастӣ оид ба зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф (ниг. Лоиҳаи пилотии 7).
8. Пешниҳоди дастгирии техникӣ ва молиявӣ ҷиҳати таҳияи консепсияи рақамисозӣ дар соҳаи илм ва инноватсия.
9. Таҳияи модули таълимӣ (Moodle) барои баланд бардоштани малакаҳои рақамии кормандони Вазорати маориф, аз ҷумла истифодаи зеҳни сунъӣ ва омӯзиши забони англисӣ.
10. Баланд бардоштанаи малакаи кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зеҳни сунъӣ дар хориҷи кишвар.

Иловагӣ:

- Пешниҳод мегардад, ки мавзӯъҳо ва маърӯзаҳо барои чорабиниҳои оянда пешакӣ мувофиқа шаванд.
- Барои кори гурӯҳӣ ва муҳокимаҳо вақти бештар ҷудо карда шавад.
- Механизмҳои маблағгузорӣ ва ҷалби шарикони байналмилалӣ дақиқ карда шаванд.

Муаллифони протокол:
Штефан Зиверт _____
Сафарзода Бахтиёр _____

Сана: 17.05.2025

Иловагӣ 1: Ҷадвали ҷамъбастии 9 лоиҳаи пилотӣ (дар вараҳи ҷудогона)

«Тасдиқ мекунам»
муовини якуми вазири маориф
ва илми Ҷуҳурии Тоҷикистон
Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. _____
«19» майи соли 2025

ПРОТОКОЛИ СЕМИНАР

Мавзӯъ: «Зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф»
Ҷойи баргузорӣ: Осоишгоҳи «Сароб», Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сана: 17 майи соли 2025

Ифтитоҳи семинар

Семинари мазкурро расман муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ифтитоҳ намуд.

Дар сухани ифтитоҳии худ, муҳтарам Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. зарурати ислоҳоти амиқ дар низоми маорифро дар даврони зеҳни сунъӣ таъкид намуд. Ӯ зикр кард, ки зеҳни сунъӣ омили асосии воқеияти тағйирдиҳандаи маориф, бозори меҳнат ва ҳаёти ҳаррӯза мебошад.

Муҳтарам Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. зикр кард, ки зеҳни сунъӣ бояд ҳамчун василаи кӯмак дастгирии омӯзгорон ва хонандагон қабул карда шавад, на ҳамчун хатари эҳтимолӣ. Ӯ ба дастовардҳо дар ин самт ишора кард, аз ҷумла татбиқи низоми EMIS, таъсиси лабораторияи зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе, ҳамчунин фароҳам овардани шароити таълими инфиродӣ бо истифодаи технологияҳои муосир.

Ӯ пешниҳод намуд, ки саводи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ бояд ба унсурҳои асосии таълимоти муосир ворид карда шаванд ва таълими онҳо дар мактабҳо бояд бо ахлоқи касбӣ, тафаккури интиқодӣ ва фарогирӣ сурат гирад. Ҳамзамон зарурати роҳбарӣ ва ҳамкориро барои татбиқи муваффақонаи технологияҳои нав таъкид кард.

Суханронихо ва паёмҳои шарикони рушд

- **Штефан Зиверт**, роҳбари лоиҳа, нишастро ифтитоҳ намуда, чорчӯбаи муҳокимаро муқаррар кард.
- **Диана Димова**, намояндаи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, пуштибонии доимии Иттиҳоди Аврупоро дар таҳкими иқтидори идоракунии вазорат дар самти зеҳни сунъӣ тасдиқ намуд. Ӯ Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ барои 2040, нақши роҳбарияти вазорат ва дастовардҳои лоиҳаи EMIS-ро баланд арзёбӣ кард. Иттиҳоди Аврупо омодагии худро барои идомаи омӯзиш, таъмин намудани абзорҳо ва

мубодилаи таҷриба ба хотири ноил шудан ба пешсафии минтақавии Тоҷикистон дар соҳаи маорифи дорои зеҳни сунъӣ изҳор намуд.

- **Наоко Хосака**, роҳбари бахши маорифи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, аҳамияти дастрасии баробар ба технологияҳои нав ва зарурати омӯзиши саривақтии омӯзгоронро дар истифодаи зеҳни сунъӣ таъкид намуд.

Ҷаласаҳои корӣ

- **Шиносоӣ бо абзорҳои зеҳни сунъӣ:** ChatGPT, Copilot, Gemini ва дигарон
- **Шиносоии амалӣ бо зеҳни сунъӣ:** «10 қадами оддӣ барои шурӯъкунандагон»
- **Муҳокимаи имкониятҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар сатҳи вазорат**

Мавзӯъ: Омодагии муассисавӣ барои татбиқи зеҳни сунъӣ ва суханронии коршиносон

- **Сафарзода Бахтиёр** — доир ба тағйирёбии низоми маориф ва коҳиши ихтисосҳои кӯҳнашуда сухан карда, пешниҳоди коҳиши 30–40% ихтисосҳои такроршавандаро пешниҳод намуд ва зарурати таҳияи стандартҳои навро таъкид кард.
- **Усмонзода Фатҳиддин** — зарурати татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олиро таъкид карда, истифодаи онро миёни донишҷӯён муҳим арзёбӣ кард.
- **Абдулло Мамадамон** — мавзӯи зеҳни сунъии генеративиро баррасӣ карда, таъкид кард, ки насли оянда бо истифодаи зеҳни сунъӣ зич алоқаманд хоҳад буд.
- **Асомиддин Атоев** — мушкилот ва навовариҳоро дар робита ба ҳамгироии зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф баррасӣ намуд.
- **Миров Лоиқҷон** — баррасии имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ ва самтҳои афзалиятнок пешниҳод намуд.
- **Гулсум Қосимбекова** — доир ба фаъолияти Маркази миллии зеҳни сунъӣ, омодасозии кадрҳои ҷавон ва саҳми марказ дар рушди кишвар гузориш дод.

Натиҷаҳо ва қарорҳои қабулшуда

1. Иштирокчиёни семинар ташаббуси 9 лоиҳаи пилотиро оид ба ҳамгироии зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф дастгирӣ намуданд. Лоиҳаҳо дар ҷараёни семинар таҳия шуда, барои тасдиқ ба роҳбарияти вазорат пешниҳод гардиданд (ниг. Иловагӣ 1).
2. Ташкили гурӯҳи корӣ барои ҳамоҳангсозии татбиқи лоиҳаҳои пилотӣ ва таҳияи ҳисоботҳо.
3. Муайян намудани воҳидҳои масъули вазорат барои ҳар як лоиҳа ва тасдиқи муҳлатҳои иҷро.
4. Шомил намудани лоиҳаҳои пилотӣ ба нақшаҳои кори солонаи бахшҳои дахлдори вазорат.

5. Баргузории ду семинари иловагӣ то охири соли 2025 бо мақсади арзёбии ҷараёни иҷро ва тақвияти дастгирии коршиносон.
6. Татбиқи унсурҳои мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла бо истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ (ниг. Лоиҳаи пилотии 8).
7. Омода ва паҳн намудани бюллетени ҷамъбастӣ оид ба зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф (ниг. Лоиҳаи пилотии 7).
8. Пешниҳоди дастгирии техникӣ ва молиявӣ ҷиҳати таҳияи консепсияи рақамисозӣ дар соҳаи илм ва инноватсия.
9. Таҳияи модули таълимӣ (Moodle) барои баланд бардоштани малакаҳои рақамии кормандони Вазорати маориф, аз ҷумла истифодаи зеҳни сунъӣ ва омӯзиши забони англисӣ.
10. Баланд бардоштанаи малакаи кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зеҳни сунъӣ дар хориҷи кишвар.

Иловагӣ:

- Пешниҳод мегардад, ки мавзӯъҳо ва маърӯзаҳо барои чорабиниҳои оянда пешакӣ мувофиқа шаванд.
- Барои кори гурӯҳӣ ва муҳокимаҳо вақти бештар ҷудо карда шавад.
- Механизмҳои маблағгузорӣ ва ҷалби шарикони байналмилалӣ дақиқ карда шаванд.

Муаллифони протокол:
Штефан Зиверт _____
Сафарзода Бахтиёр _____

Сана: 17.05.2025

Иловагӣ 1: Ҷадвали ҷамъбастии 9 лоиҳаи пилотӣ (дар вараҳи ҷудогона)